МАЗМУНХОИ ИЧТИМОӢ ВА МУХТАВИЁТИ ДУНЯВӢ ДАР РУБОИЁТИ АБУСАИДИ АБУЛХАЙР

Мусаллам аст, ки рубоӣ аз навъхои хеле маъмули назми форсии дарии точикӣ дар асрхои дахум ва ёздахум ба шумор рафта, тамоми шоирони даврахои гуногун аз ин тарикаи эчоди бадеӣ барои расонидани хадаф ва матлабу мазомини ичтимоӣ, сиёсӣ, ахлокӣ, адабӣ, маърифатӣ, фалсафӣ, динию мазхабӣ васеъ истифода бурдаанд. Дар баробари ин ки хамаи шоирони бузург камокон рубоӣ ва дубайтӣ эчод кардаанд, барои як иддаи бузурги донишмандон ва орифони суханвар рубоӣ ба сифати навъи асосии фаъолият эчодӣ ва василаи изхори завку маром будааст (ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С.5). Хаким Умари Хайём аз чумлаи ин донишмандон махсуб меёбад, ки аз тарики рубоисароӣ хикмату фалсафа, мушкилоти зиндагӣ ва вокеиёти давру замонро ифода намудааст.

Аз чумлаи сӯфиёни нахустине, ки тарики рубоӣ ба ваъзу пандгӯйӣ пардохта, дар минбари мавъизоти динию орифона аз ин навъи маъмули адабӣ васеъ истифода кардааст, Шайх Абусаиди Абулхайр (967-1049) мебошад. Ханӯз соли 1986 адабиётшиноси варзидаи точик, устод Худоӣ Шарифзода дар мачмӯае бо ду хат (хатти кириллӣ ва форсӣ) рубоиёти Абусаиди Абулхайр, таронахои Боботохири Урён, рубоиёти Бобо Афзал ва Начмиддини Куброро, ки аз машоихи тасаввуфӣ махсуб меёбанд, гирдоварӣ намуда, манзури хонандагон гардонида буд. Дар он мачмӯа 244 рубоии Шайх Абусаиди Абулхайр низ пешниход шудаанд, ки аз лихози мазмун ва мундарича чолиб ва хонданбобанд.  Он солхо чомеаи адабӣ ва мадании мо бо ин чехрахои тобноки назми тасаввуфӣ кам ошно буд ва ба чоп расидани чунин мачмӯае бо фарогирии рубоиёту дубайтихои намояндагони барчастаи адабиёти тасаввуфӣ сатхи огохӣ ва маърифати чомеаро дар робита бо муаррифии афкори пешкадам ва гироишоти дунявии шоирони мутасаввифи асримиёнагӣ боло бурд (ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. -207 с. ).

Рубиёти Абусаиди Абулхайрро, аз рӯйи мазмун ва мухтаво метавон ба рубиёти ирфонӣ, ичтимоӣ, ишкӣ ва дунявӣ таксим кард. Албатта, вакте ки масоили ичтимоӣ дар шеър инъикос меёбанд, мазмунхои ишкӣ ва дунявию маданӣ ба дунболи он мавкеъ ва чойгох касб менамоянд. Мухимтар аз хама, Шайх Абусаиди Абулхайр, бо он ки як сӯфӣ ва орифи вораста буд, харгиз аз масири зиндагии индунёӣ канор нарафт ва то охири умр барои бозгӯ кардани мушкилот ва масъалахои ичтимоӣ ва дунявӣ химмат гумошт. Аз тарафи дигар, Абусаиди Абулхайр инсони заминӣ буд ва бо мушкилоту печидагихои зиндагӣ хамарӯза дасту панча нарм мекард. Табиист, ки зиндагӣ ва умри инсониро мукаддас ва гиромӣ медонист ва ба манзарахои рӯзгор як навъ оптимистона менигарист. Дар холе ки соири сӯфиён ва орифон  ба зиндагии инчахонӣ чандон ахаммият коил

набуданд ва гӯшагирию инзивопарастиро ба унвони милок ва меъёри зиндагии сӯфиёна мепазируфтанд ва ин тарзи зиндагиро шараф медонистанд, Шайх Абусаид лаҳазоти умр ва зиндагиро қадр мекард ва инсонвор зистанро асоси умрфарсоӣ медонист. Ин аст, ки ӯро нametавон бо зумраи сӯфиёне, ки тарки дунё карда, инзиво ва гӯшанишиниро асли зиндагӣ талаққӣ намудаанд, шомил сохт. Чун ҳадафи мо баррасии дидгоҳи дунявии Абусаиди Абулхайр аст, ба силсилаи рубоиёте, ки мазомини иҷтимоӣ ва дунявӣ доранд, таваҷҷуҳ мекунем.

Абусаиди Абулхайр, ҳарчанд ки ба лиҳози касбу ҳирфа сӯфӣ буд, дар рубоиёташ минҳайси як озодандеш, зиндагипараст ва дунёмадор ҷилва мекунад. Гоҳ мисли Хайём аз фалак гилаву озор мекунад, гаҳ ишқу муҳаббати безавол ва маъшуқро меситояд, гоҳ воқеиёти зиндагиро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад, гаҳ дуди фарпёдаш ба осмон мепечад, гоҳ аз шодии ишқ болу пар мегирад, гоҳ яъсу ноумедӣ ба кошонааш лона мегузорад, гоҳ ҷуръату ҷасорат ба зиндагиаш маъно мебахшад, хулоса, Абусаид дар ҳар ҳолат ва вазъи зиндагӣ аз ҳасту буди хеш дарак медиҳад ва дар муқобили рӯҳафтодагӣ ва яъсу ноумедӣ (пессимизм) бурдборона ҷад алам мекунад. Муҳимтар аз ҳама, афкори сӯфиёнаи Абусаид бо озодандешӣ ва инсонсолорӣ тавъам аст ва шоири сӯфӣ тавассути рубоиёт эътирозоти иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фикрӣ, сиёсӣ ва мадании худро изҳор медорад. Нуктаи дигар ин аст, ки сӯфиёни бузург, голибан ба василаи тасаввуф ва андешаҳои сӯфиёна озодандешӣ мекарданд ва алайҳи ҷабру зулм ва ҳушкандешии мазҳабӣ қиём менамуданд. Абусаид аз ҷумлаи сӯфиёни аввалине буд, ки тавассути шеъру тарона, махсусан рубоӣ ба масири озодандешӣ роҳ ёфт ва аз ин тариқ бо ҷаҳлу нодонӣ ва таассубу хурофоти мазҳабӣ мубориза кард.

Абусаид мисли Хайём (Мисраъҳои рубоии Хайём "Сад Каъбаи обу гил ба як дил нарасад, Каъба чӣ равӣ, бирав дилеро дарёб" дар назар аст) шод кардани хотиреро асли зиндагӣ ва муваффақият дониста мегӯяд:

Ҳоҷӣ чу Халил Каъба бунёд кунӣ,

В-онро ба намозу тоат обод кунӣ,

Рӯз ду ҳазор банда озод кунӣ,

Беҳ з-он набувад, ки хотире шод кунӣ.

(ниг.: Таронаҳои дилангез. Тартибдиҳанда Худоӣ Шарифов. Душанбе: "Ирфон", 1986. С. 45).

Дарёфтани дил ва наозурдани он дар саргахи рубоиёт ва назариёти сӯфиёнаи Шайх Абусаиди Абулхайр карор дорад. Шод намудани дил ва наозурдани дили инсонхо аз гуманизми баланди шоири сӯфӣ дарак медихад. Ба ин рубоӣ таваччух мекунем:

То битвонӣ, бикаш, ба чон бори диле,

Мекӯш, ки то шавӣ зи дил ёри диле.

Озори диле мачӯ, ки ногх кунӣ,

Кори ду чахон дар сари озори диле.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С. 44).

Ишку мухаббати поки инсонӣ марзхои куфру имонро мешиканад ва чуръату часоратро ба инсон эхдо мекунад. Зимнан, ишк ва мухаббатпарастӣ поя ва асли низмои дунявӣ ва шеваи дуняёмадорист. Абусаид хам аз ин зовия ба ишк назар меафканад ва бидуни маъшук оби хаётро хам хеч мешуморад:

Бе чашми ту ёди наргиси тар накунам,

Бе лаъли ту орзуи Кавсар накунам.

Гар Хизр ба ман бе ту дихад оби хаёт,

Кофар бошам, ки бе ту лаб тар накунам.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С. 45).

Шӯри ишк чуръати ва часорати инсониро тавлид мекунад ва зиндагии одамиро маъно мебахшад. Ошик, ба назари Абусаид, касест, ки чуръат дорад, куфру имонро ба хам

мезанад ва дар рохи максуд аз касеву чизе ибо наметарзад:

Сахл аст маро бар сари ханчар будан,

Ё бахри муроди хеш бе сар будан,

Ту омадаӣ, ки кофиреро бикушӣ,

Гозӣ чу туӣ, хуш аст кофир будан.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С. 39).

Абусаид дил ва ишкро, ки аслу асоси такопӯ ва талошу чустучӯхои инсонист, тавъам ва хамрадиф дониста, мегӯяд:

Гар бо гами ишк созгорояд дил,

Бар маркаби орзу савор ояд дил.

Гар дил набувад, кучо ватан созад ишк

В-ар ишк набошад, ба чӣ кор ояд дил.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С. 32).

Огохона зистан ва бар мабнои шинохту огохӣ умрфарсоӣ карданро Абусаид тамчид мекунад:

Огох бизӣ, эй дилу огох бимир,

Чун толиби манзилӣ, ту дар рох бимир.

Ишк аст ба сони зиндагонӣ, варна

З-инсон ки туӣ, хох бизӣ, хох бимир.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С. 30).

Гохо Абусаид хайёмвор ба олам менигарад ва “маълумам шуд, ки хеч маълум нашуд”-и Хакими Нишопурро такрор мекунад:

Хам дар рахи маърифат басе тохтаам,

Хам дар сафи олимон сар андохтаам.

Чун парда зи пеши хеш бардоштаам,

Бишнохтаам, ки хеч нашнохтаам.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С. 33).

Сӯфӣ  мавзӯи маъмулии баробар будани илм бо амалро гӯшзад карда, гуруру такаббуро мавриди интикод карор медихад:

Бо илм агар амал баробар гардад,

Коми ду чахон туро муяссар гардад.

Магрур машав ба худ, ки хондӣ вараке,

З-он рӯз хазар кун, ки варак баргардад.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С. 17).

Абусаид ба дарачае шефтаи ишк ва мухаббати инсонӣ аст, ки барои ӯ адёну мазохиб фарке намекунанд ва хар дину мазохибе, ки пеши рохи ишк ва мехрро мегирад, канораш мезанад. Ин аст, ки ба тарсову муслим ва муъмину насоро (нокуснавоз ва саччоданишин, тасбехдору зуннормадор) хушдор медихад, ки:

Нокуснавоз агар зи ман дорад ор,

Саччоданишин агар зи ман карда канор,

Ман низ бар рагми хар ду андохтаам,

Тасбех дар оташ, оташ андар зуннор.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С. 28).

Абусаид кеши ишкро аз соири дину мазохиб чудо медонад ва иддао мекунад, ки паёмбари ишк на ачамӣ ва на арабист. Дар зимн, чун ишк вориди зиндагии инсонхо мегардад, ба сони оташи сӯзанда имону кешу мазхабро месӯзад ва хамаро зеру забар мекунад:

Он оташи сӯзанда, ки ишкаш лакаб аст,

Дар пайкари куфру дин чу сӯзанда таб аст.

Имон дигару кеши мухаббат дигар аст,

Пайгамбари ишк на ачам, на араб аст.

(ниг.: Таронахои дилангез. Тартибдиханда Худоӣ Шарифов. Душанбе: “Ирфон”, 1986. С.